# Семинари омӯзишӣ ҷиҳати назорати риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва ташкилоту муассисаҳои он

Опубликовано 26 мая, 2021 - 07:57 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Гурӯҳи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раиси Кумита Муҳаммадҷонзода О. (роҳбари гурӯҳ), сардори шуъбаи танзими истилоҳот Зулфониён Р. сармутахассиси шуъбаи танзими истилоҳот Фарҳодова С., сармутахассиси

шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ Буриева Ш. (аъзои гурӯҳ) тибқи Нақшаи назоратӣ вазъи риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва иҷрои банди 22-и Нақшаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва вазифаҳо барои соли 2021»-ро (6.02.2021, №14) дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода, шуъбаи маориф, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҶДММ «Литсейи хусусии Ворисони Сино» ва Муассисаи ғайридавлатии таълимии Коллеҷи тиббии шаҳри Турсунзода аз 18-ум то 21-уми майи соли 2021 мавриди назорат ва таҳлил қарор дод.

Ҳамзамон, Кумита 24-уми майи соли 2021, соати 1500 дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода аз натиҷаи назорат ва таҳлили риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва татбиқи банди Нақша бо иштироки сардори шуъбаи танзими истилоҳот, сармутахассиси шуъбаи танзими истилоҳот, сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумита, муовини раиси шаҳри Турсунзода ва кормандони он, раис, муовин ва котибони ҷамоатҳо, омӯзгорони коллеҷҳои тиббӣ ва омӯзгорӣ, мудири шуъбаи маориф ва кормандони он, мудирони боғчаҳо, директорони муассисаҳо, ҷонишинҳо, омӯзгорони муассисаҳо, сармуҳаррирон ва воситаҳои ахбори омма (ҳамагӣ 144 нафар) семинари омӯзишӣ баргузор намуд.

Дар оғоз муовини раиси шаҳри Турсунзода тамоми иштирокдоронро ба семинари омӯзишӣ хайра мақдам намуда, намояндагони Кумитаро ба ҳозирин муаррифӣ кард ва оид ба муҳтавои рӯзномаи семинар маълумот дод. Баъдан барои гузориш суханро ба сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфониён Р. дод. Аъзои гурӯҳи корӣ баён намуд, ки тибқи Нақша дар муҳлати кӯтоҳ вазъи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар баъзе аз корхонаю муассисаҳои шаҳри Турсунзода мавриди баррасӣ қарор гирифт. Таҳлилҳо нишон дод, ки бо вуҷуди қаноатбахш будани масъалаи коргузорӣ дар корхона ва муассисаҳои таълимӣ баъзе хатоҳои имлоӣ ва навишти ғайритоҷикӣ ба мушоҳида расид, ки гурӯҳи корӣ барои бартараф намудани камбудиҳои зикршуда тавсияҳои худро пешниҳод намуд. Инчунин, дар рафти таҳлил санҷиши саводи имлоии кормандони шуъбаи маориф ва омӯзгорони Литсейи «Ворисони Сино» ва Коллеҷи тиббии шаҳри Турсунзода санҷида шуд.

Сипас, сухан ба сармутахассиси шуъбаи танзими истилоҳот Фарҳодова С. ва сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ Буриева Ш. дода шуд, ки фикру мулоҳизаҳои худро аз рафти назорати риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва ташкилоту муассисаҳои он баён намуда, қайд карданд, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои дар гузориш дарҷгардида дар муҳлати муқарраргардида ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал ирсол намоянд.

Семинари омӯзиширо муовини раиси шаҳри Турсунзода – Бобоҷонзода Фахрия ҷамъбаст намуда, бовар кунонданд, ки камбудию норасоиҳо дар муҳлати кӯтоҳ бартараф хоҳад шуд.

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]
- Конференсияҳо [3]

- 

- 

-

-

-

- 

- 

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/node/6746?mini=2025-06

**Ссылки**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG_20210524_161706.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/30 [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210524_152156.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210524_152215.jpg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210524_152323.jpg.5.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210524_160304.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210524_160339.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210524_160619%20-%20%D0%BA%D0%BE%D0%BF%D0%B8%D1%8F.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210524_161706.jpg